“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, н.и.к.
Кароматов Ш.Ш. ____________
«11» ____06____ соли 2025

**Хулосаи**

**ҷаласаи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

аз “10” июни соли 2025 ш. Душанбе

Диссертатсияи Исмоилова Раҳима Исроиловна дар мавзуи «Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Исмоилова Р.И. унвонҷӯи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ ба шумор мерафт. Исмоилова Раҳима Исроиловна соли 2010 ба факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2015 бо ихтисоси 1-740204-Меваю сабзавот ва ангурпарварӣ хатм намуда, ба Ӯ касби олим агроном дода шудааст.

Номбурда бо фармоиши директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ №23а хш аз “3” апрели соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи

шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ қабул шудааст.

Мавзуи кори диссертатсионӣ дар Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ Протоколи №5 аз "07" апрели соли 2017 баррасӣ ва тасдиқ гардидааст. Инчунин роҳбари илмии унвонҷӯ – Назиров Ҳ.Н., доктори илмҳои кишоварзӣ, директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ таъин карда шуд.

Исмоилова Р.И. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) санаи 24.05.2023 бо баҳои 5 таърих ва фалсафаи илм санаи 10.06.2023 бо баҳои 4 супоридааст.

Диссертатсияи Исмоилова Р.И. дар ҷаласаи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳо аз" 10"- уми июни соли 2025, №5 муҳокима гардидааст. Ба Диссертатсия аз ҷониби муқаризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор » чунин хулоса қабул карда шуд:

**- мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия;**

Тадқиқотҳои мавзуи диссертатсия баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидорӣ навъҳои интродуксионии гелос буда, мазмуни диссертатсия ва тадқиқотҳои иҷрошуда ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат мекунад.

**- алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;**

Мавзуи диссертатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои афзалятноки тадқиқотӣ – илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як қатор барномаҳои давлатӣ аз ҷумла:

1 Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020

2. Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, № 483 аз 20.10.2016.

Инчунин барномаи илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии АИКТ дар мавзуи «Офаридани навъҳои ба шароити экологӣ устувори дарахтони мевадиҳанда, чормағзиҳо, ситрусиҳо, буттамеваҳо ва такмилдиҳии технологияи парвариши ниҳол ва бунёди боғҳои интенсивӣ барои солҳои 2016-2020» (РКД 0116TJ00625) иҷро гардидааст.

Муҳтавои диссертатсияи мазкур ба самтҳои асосии тадқиқотҳои илмӣ алоқаманд буда, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат равона шудааст, мувофиқат менамояд.

**- мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он;**

Натиҷаҳои тадқиқот дар 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар маводҳои Конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назарявии ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур ба чоп расидаанд, ки мазмун, мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқоти мазкурро дар бар мегирад.

**- мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Тадқиқотҳо тайи солҳои 2017-2019 гузаронида шудаанд. Муаррифии натиҷаҳои тадқиқотҳои гузаронидашуда ҳамасола дар ҷаласаи Шурои олимони Интитути боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоврзии Тоҷикистон муҳокима карда мешуданд. Ҳар сол (2017-2019) дар ҷаласаҳои шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон баромад ва ҳисобот дода мешуданд. Натиҷаҳои ба даст омада бо усули оморӣ бо истифода аз

барномаи компютерии Microsof Exsel коркард шудаанд. Мавзуъ, хулосаҳо ва пешниҳоди илман асоснок гардида, натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳои тақризшаванда аз ҷумла: Конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Технологияи инноватсионии нигоҳдорӣ ва коркарди, логистика меваю сабзавот: нигоҳе ба оянда", ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, 2019, Международного научно- практический журнал Казахстан, Алматы. (International scientific and practical journal). Endless light in science. 2022. ва ғайраҳо баррасӣ ва муҳокима шудаанд.

Таҷрибаҳои саҳроӣ ва рафти иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳар сол аз тарафи комиссияи апробатсионии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шудаанд.

Дар вақти амали намудани тадқиқоти илмӣ усулҳои умуми эътирофгардида барои гузаронидани натиҷаҳои илмии таҷрибаҳои саҳроӣ, озмоишгоҳӣ ва санҷиши истеҳсолии онҳо вобаста ба мавзуи тадқиқотӣ дар хоҷагии деҳқонии "Конзавод"-и шаҳри Ҳисор майдони 2 га, хоҷагии деҳқонии "Абдусаттор"-и ноҳияи Шаҳринав дар майдони 1,5 га амалӣ гардонида, санадҳои татбиқӣ онҳо пешниҳод гардидааст.

**- саҳми довталаб дар иҷрои тадқиқи диссертатсионӣ.**

Саҳми шахсии муаллиф дар омода намудан, интихоби дурусти мавзуи тадқиқотӣ аз ҷумла асоснокунии назариявӣ, амалии самти интихобшуда ва усулҳои тадқиқот, инчунин ташкилу гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, озмоишгоҳӣ, апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот, таҳлилу коркарди оморӣ ва татбиқи натиҷаҳои ба даст омада иборат мебошад. Ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқот ва нашри мақолаҳо аз ҷониби муаллиф дар якҷояги бо роҳбари илмӣ анҷом дода шуда, инчунин таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос мекунад. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати

ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ аслияти матни диссертатсия ба 97,88% баробар мебошад.

Диссертатсияи Исмоилова Р.И. дар мавзуи «Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор» ба ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат менамояд:

**Банди - 3**. Услуб, техника ва нақшаҳои технологии равандҳои селексиониву тухмипарварӣ. Кор карда баромадан ва такмил додани усулҳои гуногуни интихоб, дурагакунии дохили навъӣ ва дур.

**Банди - 4.** Офаридан ва омӯзиши селексионию генетикии маводи аввалияи нав (дурагаҳо, мутантҳо, шаклҳои гаплоидӣ, анэуплоидӣ ва полиплоидӣ, клонҳо, шаҷараҳои инбрендӣ, ҳамсонҳои (аналог) стерилӣ ва фертилӣ, шаклҳои худмувофиқнашаванда ва дигар компонентҳои селексияи аналитикӣ, синтетикӣ ва гетерозисӣ).

**Банди** – **5.** Тарҳрезии усулҳои баҳодиҳии хусусиятҳои ҳосилнокӣ, мутобиқшавӣ ва дигар хусусиятҳои хоҷагидорию пурқиматии навъҳо, маводи селексионию киштшаванда (тухмӣ). Такмилдиҳии принсипҳои минтақабобкунии агробиологии ҷуғрофии навъҳо ва аз рӯйи минтақаҳо ҷойгиркунии заминҳо барои тухмипарварӣ.

Диссертатсияи Исмоилова Р.И. аз муқаддима, 5 боб, 24 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили тадқиқи диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, мақолаҳои илмии боқимонда дар маҷмуи маводҳои конференсия ва семинарҳои гуногуни байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ интишор ёфтаанд, ки ҳаҷми умумии онҳо 16,32 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундаричаи асосии тадқиқ аз мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**1.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда**

**[1-М]. Исмоилова Р.И.** Изучение подвои для косточковых пород (черешни) в условиях Гиссарской долины Таджикистана /Р.И. Исмоилова, С.Дж.Умарова //Журнал - Сельскохозяйственные техно-логия выпуск 1 ( Agricultural Technologies), 2019, №4.- С. 28-34

**[2-М]. Исмоилова Р.И.** Результаты сортоизучение черешни в условиях Центрального Таджикистана. /Р.И. Исмоилова //Журнал Кишоварз (Земледелец) ТАУ имени Ш. Шохтемур, 2019. - С. 60 - 61.

**[3-М]. Исмоилова Р.И.** Подбор сорто-подвойных комбинаций черешни для интенсивных садов в условиях Гиссарской долины Таджикистана / Р.И. Исмоилова., С.Дж. Умарова. //Журнал Кишоварз (Земледелец) ТАУ имени Ш. Шохтемур, 2019. - С. 45 - 47.

**[4-М]. Ismoilova R.I.** The rootstocks for sweet cherry in the condition of the Hissar valley of Tajikistan / R.I. Ismoilova //Journal "Peasant" Tajik agrarian university named after Shirinsho Shotemur, 2021, № 3, (92). - С. 43 - 45.

**[5-М]. Исмоилова Р.И.** Хусусиятҳои ташаккули гулҳо ва сатҳи майдони баргҳо вобаста аз омӯзиши навъҳои интродуксионии гелос. /Р.И. Исмоилова // Маҷаллаи Кишоварз(Земледелец) ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, 2022, № 4, (97). - С. 36 - 41.

**[6-М]. Исмоилова Р.И.** Хусусиятҳои нашъунамо ва инкишофи дарахтони гелос вобаста аз навъҳои воридшуда (интродуксия) /Р.И. Исмоилова //Маҷаллаи Кишоварз(Земледелец), ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, 2022, №1, (94). - С. 48 - 51.

[7-М]. **Исмоилова Р.И.** Тавсифи ботаникӣ ва хусусиятҳои биологии гелос /Р.И. Исмоилова //Маҷаллаи Илм ва фановарӣ, ДМТ, 2024.- С. 188 - 194.

[8-М]. **Исмоилова Р.И.** Агробиологическая оценка сортов черешни в условиях Гиссарской долины Республики Таджикистан /Исмоилова Р.И., Х.Н. Назиров //Журнал “Наука и инновация”, ТНУ, 2025.- С. 172 – 180.

**Мақолаҳо ва тезисҳо дар маҷмӯаҳои маводи конфересияҳо**

[9-М]. **Исмоилова Р.И.**Омӯхтани ҳосилбандии навъҳои гелос дар шароити водии Хисор /Р.И. Исмоилова, С.Ҷ. Умарова //Маҷмуи мақолаҳои илмии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, 2015.-С.103-105.

[10-М]. **Исмоилова Р.И.** Даврахои инкишофёбии дарахтони донакдор( олу, гелос) дар шароити Тоҷикистони Марказӣ/ Р.И. Исмоилова, С. Ҷ. Умарова// Маҷмуи мақолаҳои илмӣ Конференсияи илмӣ- амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “ҳифз ва карантини растанӣ барои устувории экологии агробиосенозҳо”, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, 2018. - С.174-179.

[11-М]. **Исмоилова Р.И.** Даврахои рушду инкишофёбии навъҳои гелос дар шароити водии Ҳисор /Р.И.Исмоилова, С.Ч.Умарова // Маҷмуи мақолаҳои илмӣ- амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Технологияи инноватсионии нигоҳдорӣ ва коркарди, логистика меваю сабзавот: нигоҳе ба оянда», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, 2019. - С.318-321.

[12-М]. **Исмоилова Р.И.** Хусусиятҳои биологии навъҳои интродутсишудаи гелос дар шароити Тоҷикистони Марказӣ /Р.И. Исмоилова, Умарова С.Ҷ. //Маҷмуи мақолаҳои илмӣ- амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Технологияи инноватсионии нигоҳдорӣ ва коркарди, логистика меваю сабзавот: нигоҳе ба оянда», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, 2019.-С.118-120.

[13-М]. **Исмоилова Р.И.**Биологическое особенности сортов черешни [Матн]/ Р.И.Исмоилова, Умарова С.Ҷ. // Сборник научных статей,

Республиканская научно-практическая конференция на тему «Актуальные проблемы эффективного использования земельных и водных ресурсов в сельском хозяйстве в условиях глобального изменения климата», ТАУ имени Ш. Шотемур, 2019. -С.146-147.

**[14-М]. Исмоилова Р.И.** Генетические биоразнообразии плодовых пород Таджикистана и их сохранение [Матн] / Х.Н. Назиров, Х.Х. Назиров, Р.И. Исмоилова, Ф.Д. Курбоналиева // Международного научно- практический журнал Казахистан, Алмааты. Endless light in science. 2022. -С. 208-213.

**[15-М]. Исмоилова Р.И.** Влияние способов обрезки и формирования кроны и побегов на жизнеспособности и развитие и плодоносящих органов косточковых плодовых культур в условиях Центрального Таджикистана / Исмоилова Р.И., Умарова С.Дж.// Сборник научных статей Республиканская научно-практическая конференция на тему «Современные проблемы в сфере хранения, переработки и логистики продукции сельского хозяйства в условиях рыночной экономики», ТАУ имени Ш. Шотемур, 2024. -С.112-175.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Исмоилова Р.И. дар мавзуи «Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ кори тадқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Исмоилова Р.И. дар мавзуи «Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон санаи 10.06.2025 №5 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 11 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” – 11 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа: Раҳматов С.Ҳ.

Котиби ҷаласа: Тағоев Ш.Ҳ.

Имзоҳои Раҳматов С.Ҳ.
ва Тағоев Ш.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.